**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Каримов Бахтиёр Музафарович «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 - Эпидемиология**

**Мубрамият.** Ба таври васеъ паҳн шудани бемориҳои асосии стоматологӣ зарурати ҷустуҷӯи воситаҳои оптималӣ, усулҳои пешгирӣ ва табобатро бо дар назардошти механизмҳои патогении инкишофи бемориӣ ба миён меорад [Ғ.Ғ.Ашуров бо ҳаммуаллифон, 2010].

Алоқамандии зичи байни бемориҳои дандон ва пародонт бо бемориҳои умумии организм мавҷуд аст, ки дар байни онҳо бемориҳои узвҳои ҳозима, системаи гардиши хун,узвҳои нафаскашӣ ва хун,системаи эндокринӣ, пешобу таносулӣ мавқеи муҳим доранд [А.И. Грудянов бо ҳаммуаллифон, 2017], ки умумияти звеноҳои асосии патогенезро ба вуҷуд меоранд.

Ҳангоми бемориҳои стоматологӣ хусусиятҳои эпидемиологӣ ва беҳдоштии динамикаи ҳолати пайдоиши онҳо дар беморони гирифтори бемориҳои эндокринӣ таҳқиқ шудааст [Ш.Ф. Джураева, 2010].

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Б.М. ба масъалаҳои эпидемиологӣ ва клиникӣ-гигиении узвҳои ковокии даҳон ҳангоми бемориҳои соматикӣ барои муайян намудани хусусиятҳои тағйиротҳо ва такмил додани усулҳои ислоҳи ихтилолҳои муайяншуда бахшида шудааст. Дар таҳқиқот натиҷаҳои нисбатан бартаридоштаи омилҳои эпидемиологӣ ва клиникӣ-гигиенӣ дар беморони гирифтори бемориҳои узвҳои ковокии даҳон дар якҷоягӣ бо бемориҳои соматикӣ таҳлил шудаанд, ки ба интихоби тактикаи нисбатан оптималӣ ва тадбирҳои профилактикӣ таъсир мерасонанд.

Бори нахуст таҳлили динамикии клиникӣ-эпидемиологии сохтори патологияҳои асосии узвҳои ковокии даҳон ва ҳолати беҳдоштии он дар

беморони дорои бемориҳои музмини ҳамроҳшудаи соматикӣ гузаронида шуд.

Омилҳои бартаридоштаи эпидемиологӣ дар пайдо шудани бемориҳои дандонҳо ва бофтаҳои пародонт дар беморони гирифтори бемориҳои соматикии ҳамроҳшуда муайян карда шуданд.

Бори нахуст омилҳои бартаридоштаи эпидемиологӣ дар бемориҳои узвҳои ковокии даҳон ва бофтаҳои пародонт дар беморони гирифтори бемориҳои узвҳо ва системаҳои дарунӣ муайян карда шуд.

Хусусиятҳои тағйирот дар динамикаи иртиботи байни ин таҳқиқотҳои клиникӣ-эпидемиологӣ, гигиенӣ ва рентгенологӣ дар беморони дорои бемориҳои асосии стоматологӣ ва бемориҳои ҳамроҳшудаи соматикӣ муайян карда шуд. Муносибатҳои нави ташкилии масъалаҳои такмил додани ёрии стоматологӣ коркард шуд, вай имконият медиҳад, ки дар ниҳояти кор ҳаҷмро васеъ ва сифати расонидани ёрии стоматологиро дар беморхонаҳои бисёрсоҳа беҳтар созем.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро усулҳои муосири эпидемиологӣ, гигиенӣ, клиникӣ, рентгенологӣ, пародонтологӣ, кариесологӣ, математикӣ, экспертӣ ва оморӣ таҳқиқот тасдиқ мекунанд. Ҳаҷми муътабари мавод, сатҳи методии таҳқиқот барои ҳаллу фасл кардани вазифаҳои дар пеш гузошташуда кофӣ буда, эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшударо таъмин мекунанд. Муътабарии интихоб, доманадор будани маводи аввалия, таҳлили муфассали сифатӣ ва миқдории он, системанок будани протседураҳои таҳқиқот дида мешавад.

Ҳаҷм ва маводи таҳқиқот репрезентативӣ буда, ба талаботи исботшавандагӣ барои чунин таҳқиқотҳо ҷавобгӯ мебошанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро усулҳои муосири таҳқиқоти эпидемиологӣ, гигиенӣ, клиникӣ, рентгенологӣ, пародонтологӣ, кариесологӣ, математикӣ, экспертӣ ва оморӣ тасдиқ мекунанд.

Ҳаҷми пешниҳодшудаи маводи диссертатсия ва сатҳи методии таҳқиқот барои ҳаллу фасл кардани вазифаҳои дар пеш гузошташуда кофӣ буда, эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашударо таъмин мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар раванди таълими кафедраҳои эпидемиология ва стоматологияи муолиҷавии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” татбиқ гардидаанд. Усулҳои пешниҳодшудаи клиникӣ-эпидемиологӣ ва технологӣ дар фаъолияти табобатии Маркази таълимӣ-клиникии «Стоматология»-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Поликлиникаи маркази шаҳрии №10 истифода мешаванд.

Дар доираи мавзӯъҳои рисола 40 таълифоти илмӣ нашр шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба чоп расидааст. Таҳқиқотҳои гузаронидашудаи эпидемиологӣ ва клиникӣ имконият доданд, ки 2 пешниҳоди ратсионализаторӣ № 3433/R 648 аз 26 –уми феврали соли 2015 ва № 3435/R 650 аз 26 –уми феврали соли 2015 таҳия карда шавад.

Маводҳои диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалии илмию амалии олимони ҷавон ва донишҷӯёни МДТ “ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино” (Душанбе, 2013, 2020); конференсияҳои байналмилалии 59-умин, 61-умин, 67-умин солонаи илмию амалии МДТ “ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино” бо иштироки намояндагони байналмилалӣ (Душанбе, 2011, 2013, 2019); Фестивали XII-и вилоятии «Олимони ҷавон - рушди вилояти Иваново», конференсияи илмии байниминтақавии донишҷӯён ва олимони ҷавон бо иштироки намояндагони байналмилалӣ “Масъалаҳои тиббӣ-биологӣ, клиникӣ, иҷтимоии саломатӣ ва патологияи одам” (Иваново, 2016) баррасӣ ва гузориш шудаанд.

Нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар автореферат (фишурда)-и Каримов Б.М. овардашуда вазифаҳои дар пеш гузоштašударо

мушаххас инъикос намуда, далелнокан, бо маводи воқеӣ асоснок карда шудаанд ва мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқоти иҷро кардашуда бармеоянд ва ба муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот бо коркарди оморӣ ва истифодаи маҷмӯи усулҳои иттилоъноки илмӣ ва объективии таҳқиқот тасдиқ шудаанд.

Таҳқиқот дорои аҳамияти муҳимми назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мебошад. Вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муаллиф, баёни мавод ва хулосаҳо ягонагии ботинӣ доранд ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Муҳтавои автореферат (фишурда)ва маводи нашршуда нуқтаҳои асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Дар асоси маълумотҳои дар фишурда овардашуда чунин меҳисобам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Бахтиёр Музафарович дар мавзӯи: «Динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикӣ», таҳқиқоти мустақилона ва илмӣ-квалификатсионии ба анҷомрасида буда, самтҳои нави ҳаллу фасл кардани вазифаҳои актуалӣ (мубрам)- омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои клиникӣ-эпидемиологии бемориҳои стоматологӣ дар беморони гирифтори патологияҳои умумисоматикиро пешниҳод менамояд ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳқиқотҳои диссертатсионии сарфароз гардонидани унвони илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология пешбинӣ шудаанд, мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сарфароз шудан ба унвони илмӣ сазовор аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Б.М. аз лиҳози мубрамӣ, навгонӣ, ҳаҷм ва сатҳи таҳқиқоти гузаронидашуда, аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои ба даст овардашуда ва равишҳои методологӣ ба талаботи бандҳои 3, қ. 31, 34 «Тартиби додани унвони илмӣ» ба диссертатсияҳои номзадӣ равонашуда, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Эпидемиология мувофиқат мекунад ва муаллифи он барои сарфароз шудан ба унвони илмӣ сазовор аст.

**Директори**
**МД «Пажӯҳишгоҳи**
**экспертизаи тиббию иҷтимоӣ**
**ва тавонбахшии маъюбон»**
**ВТ ва ҲИА ҶТ,**
**номзади илмҳои тиб** **Азизов З.А.**

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
МД «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи
тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии
маъюбон»-и ВТ ва ҲИА ҶТ.
Суроға: кӯчаи Ҳувайдуллоев, 270А
Тел.: (+992) 918-40-49-24
e-mail: zafarjon-63@mail.ru

**29.08.с.2022.**